Барои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи адолатпарвар мақоми баланди ҳокимияти судӣ дар ҷомеа хос аст, зеро суд арзишҳои олӣ – инсон ва ҳуқуқу озодиҳои онро, ки вазифаи муқаддаси давлат аст, риоя ва ҳифз менамояд. Баробарии дигар шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар густариши ҷомеаи шаҳрвандӣ нигоҳ медорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон




# МИЗОНИ ҚОНУН

НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025




## ДАР ИН ШУМОРА:




ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

с.4



ҲАМОИШИ ИДОНА БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

с.5



ИСЛОҲОТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ БАҲРИ ТАТБИҚИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР АСОСИ МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ

с.6



ҶАЛАСАИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛӢ: ҚАРОРҲОИ ҶАЛАСА ВА ХОТИРИ МАСЪУЛИЯТИ КАСБИИ СУДЯҲО ДАР ҲАЛЛИ ПАРВАНДАҲО МЕБОШАД

с.8


# МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БАҚОИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА НАҚШИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛӢ ДАР ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ

Аз замони мушарраф шудани миллати озодихоҳ, сулҳпарвар ва ваҳдатофарину дорои фарҳанги куҳани тоҷик ба муҳимтарин дастоварди таърихии сиёсӣ – Истиқлоли миллӣ 34 сол сипарӣ гардида, нақши созандагии фарзонагони халқи тоҷик дар саҳифаи таърих бо ҳуруфи заррин ва ҳашмату пайкорҳои мондагор сабт гардидааст.

Истиқлол пеш аз ҳама ифодагари нангу номус, нишона аз соҳибдавлатӣ ва озодии миллати зафарманди тоҷик ба шумор меравад. Дар ин масир Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо андешаҳои олии умумиинсонӣ, арзиш ва ҳифзи сулҳу адолати иҷтимоӣ, ҳимояи манфиатҳои халқ, ҳисси масъулият нисбат ба тақдири инсоният роҳ ба сӯи Истиқлолро ҳамвор намуд. Аммо дастёбӣ ба арзишҳои мактаби истиқлоли миллӣ ва расидан ба зиндагии шоиста, нигоҳи тоза ба тафаккури миллат ба осонӣ муяссар нагардид, балки дар оғоз кишвари мо ба мушкилоте рӯ ба рӯ омад, ки таърихи ҷаҳон назирашро ёд надорад. Ҷанги бемаъниву таҳмилии шаҳрвандӣ дар сароғози роҳи истиқлоли миллии мо монеаҳои зиёди сиёсиву иқтисодӣ эҷод намуд, ки барои аз миён бардоштани онҳо кашфу интихоби роҳе, ки дар он адалоти иҷтимоӣ дида мешуд, зарур буд. Ҳузури муборaки Пешвои миллат ба арсаи сиёсати миллӣ, ҳифзи давлатдории миллӣ ва истиқлоли сиёсӣ, ки аз иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ мегирад, воқеан роҳи адолатро дар миёни ҷомеа ҳамвор намуда, дар таъмини якпорчагии Тоҷикистон, тантанаи сулҳу ваҳдат, истиқрори ҳокимияти давлатӣ ва шохаҳои он дар татбиқи адолати таърихӣ нақши бузург гузошт.

Миллати тоҷик дар роҳи расидан ба ормонҳои ин-

Давомаш дар с.3

*Хирадмандон сухан бар дод гӯянд,*
*Ҳамеша номи нек аз дод ҷӯянд.*
*Фахриддини Гургонӣ*

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025

ҶАЛАСАИ ҲУКУМАТ



# МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**29 декабр таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки масъалаҳои иҷрои буҷети давлатӣ дар соли 2026 ва ҷалби сармоя дар солҳои 2026-2030 аз масъалаҳои асосии он буд.**



Дар кори маҷлис нахуст гузориши Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молия дар бораи лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2026" шунида шуд.

Таъкид гардид, ки мақсад аз таҳияи лоиҳаи қарори мазкур, мушаххас намудани раванди иҷрои буҷети давлатӣ, истифодаи босамару мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, инчунин, муайян намудани уҳдадориҳои вазорату кумитаҳои давлатӣ, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, корхонаю муассиса ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, вобаста ба иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон



барои соли 2026» мебошад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохторҳои масъулро вазифадор намуданд, ки таъмини босифати қисми даромади буҷети давлатӣ, аз ҷумла тавассути дарёфти сарчашмаҳои нав, чораҳои зарурӣ андешанд.

Сипас Абдураҳмон Абдураҳмонзода, вазири рушди иқтисод ва савдо, доир ба барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2026-2030 гузориш дода, зикр намуд, ки мақсади асосии барномаи мазкур ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ, аз ҷумла маблағгузории қарзӣ, грантӣ ва ёрии техникӣ, барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буда, амалисозии онҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар равона мегардад.



Махсусан, ҷалби сармояи хориҷӣ барои амалисозии лоиҳаҳои афзалиятнок яке аз омилҳои асосии рушди минбаъдаи иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ гашт.

Ба Барнома дар маҷмуъ 864 лоиҳа ворид гардидааст, ки маблағи он 15,7 миллиард доллари америкоиро ташкил медиҳад.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон дорои сарватҳои табиии зиёд, аз ҷумла захираҳои об, маъдан ва металҳои нодир, иқлими мусоиду заминҳои ҳосилхез, зарфиятҳои бузурги сайёҳиву инсонӣ ва имкониятҳои хуби сармоягузорӣ мебошад.

Дар кишвари мо тайи солҳои охир барои таъмин намудани рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва муносибатҳои бозорӣ як қатор ислоҳоти назаррас татбиқ гардида, ташаббусҳои сармоягузорону соҳибкорон барои ривоҷи сармоягузорӣ аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамаҷониба дастгирӣ меёбад.

Дар идомаи маҷлис, ҳамчунин, лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тарифҳои неруи барқ ва гармӣ" баррасӣ ва қабул гардид.

Лоиҳаи мазкур бо мақсади рушди соҳаи энергетика ва расидан ба сатҳи худтаъминкунии фаъолияти молиявию иқтисодии ҷамъиятҳои саҳҳомии кушодаи "Барқи Тоҷик", "Шабакаҳои интиқоли барқ" ва "Шабакаҳои тақсимоти барқ" таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сохторҳои марбута барои андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати беҳсозии фаъолият дар соҳа дастуру тавсияҳо доданд.

Супориш дода шуд, ки тарифҳои нави барқу гармӣ аз 1 феврали соли 2026 ҷорӣ карда шавад.

Ҳамчунин, нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи якуми соли 2026 тасдиқ шуд.

Дар фароварди маҷлис Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷамъбаст ва натиҷагирӣ аз рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар дар соли 2025, масоили зимистонгузаронӣ, расондани ёрӣ ба ятимону бепарасторон ва маъюбону оилаҳои ниёзманд, омодагии ҳамаҷониба ба истиқболи сазовори ҷашнҳои байналмилалии Наврӯз ва 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ба масъулин супоришҳои мушаххас доданд.



# РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ

## РАИСИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Соли 1999 зарурат пеш омад, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо ворид карда шавад. Ҳамин тавр 26 сентябри соли 1999 бо тариқи райъпурсии умумихалқӣ ба Конститутсия тағйироту иловаҳо ворид гардид, ки боби сеюми он аз моддаи 48 то 63 ба Маҷлиси Олӣ бахшида шуда, парламенти думаҷлисаро дар бар гирифт.

Мутобиқи моддаи 48 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси Олӣ — парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Маҷлиси Олӣ аз ду Маҷлис — Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иборат аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудааст, ки «Таъсис ёфтани парламенти думаҷлиса дар сохтори давлатдории мо дигаргунии бунёдӣ мебошад ва Маҷлиси миллии Маҷлиси Олӣ имрӯз ба яке аз рукнҳои боэътимоди мақоми қонунгузории кишварамон табдил ёфтааст. Зеро мутобиқи Конститусия аз ҷониби Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ карда шудани қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагон кафолати муҳими қабули қонунҳои мукаммал, босифат ва ҷавобгӯ ба манфиати мардум мебошад».

Фаъолияти Маҷлиси миллӣ дар шакли иҷлосия сурат мегирад. Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми як моҳи баъди интихоботи аъзои Маҷлиси миллӣ даъват ва дар он иштирок мекунад.

Иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати дуюм 17 апрели соли 2000, иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати сеюм 15 апрели соли 2005, иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати чорум 23 апрели соли 2010 ва иҷлосияи якуми Маҷлиси миллӣ даъвати панҷум 14 апрели соли 2015 баргузор гардиданд, ки дар онҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва суханронӣ намуданд.

Дар моддаи 49 тартиби ташаккули Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст. Аз чор се ҳиссаи аъзоёни Маҷлиси миллӣ ба таври ғайримустақим аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ва вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои он, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бороҳи овоздиҳии пинҳонӣ интихоб мешаванд (ҷамъ — 25 вакил). Аз чор як ҳиссаи аъзоёни Маҷлиси миллиро (8 вакилро) Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъйин мекунад. Ҳайати Маҷлиси миллӣ — 33 вакили маҷлисро дарбар мегирад. Фаъолияти Маҷлиси миллӣ даъватӣ мебошад. Шаҳрванде, ки сини ӯ аз 35 боло аст ва дорои таҳсилоти олӣ мебошад, метавонад вакили Маҷлиси миллӣ интихоб ё таъйин шавад.

Тибқи моддаи 56-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои чунин салоҳиятҳо мебошад:

Таъсис ва барҳам додани воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ ва тағйири онҳо;

Интихоб ва бозхонди раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ бо пешниҳоди Президент;

Ҳалли масъалаи бекор кардани дахлнопазирии раис, муовинон ва судяҳои Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ ва Суди Олии иқтисодӣ;

Ризоият барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ ва муовинони ӯ;

Амалӣ намудани ваколатҳои дигаре, ки Конститутсия ва қонунҳо муайян кардаанд.

Маҷлиси миллӣ аз рӯйи масъалаҳои дар салоҳияташ буда қарор қабул мекунад. Қарори Маҷлиси миллӣ бо тарафдории аксарияти шумораи умумии аъзои он қабул мегардад, агар тартиби дигари қабули қарорро Конститутсия муқаррар накарда бошад.

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025



ИФТИХОР ВА МАСЪУЛИЯТ

# МАҚОМИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР БАҚОИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ВА НАҚШИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛӢ ДАР ҚАБУЛИ ҚОНУНҲОИ МИЛЛӢ



**Мирзозода РУСТАМ ПИРАҲМАД,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аввалаш дар с.1

сонӣ ва иҷтимоии худ ба шахсияти дорои қудрати фавқулодае ниёзманд гардид, ки тавонад бо истеъдоди худ баёзи сарнавишти миллатро устодона варақгардон намуда, манфиатҳои милливу хостаҳои мардумро баровард созад. Дар ин мавриди Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастёбӣ ба истиқлоли миллӣ, мардумро аз вартаи нобудӣ наҷот бахшидан, адолати иҷтимоиро барқарор сохтан ва дар миёни мардум устувор намудани баробарҳуқуқӣ ва фароҳам овардани зиндагии шоиста бо гомҳои созандаву иқдомҳои офаринанда ба майдони сиёсат ворид шуд. Ҳузури Пешвои миллат дар замони пурталотум ба иқболи миллати тоҷик дар масири таҳкими аркони кохи истиқлоли миллӣ ва озодиву баробарҳуқуқии иҷтимоӣ дар саҳнаи таърих бо роҳандозӣ ва татбиқи андешаҳои созандаву дурнигарона ва умедбахш ба сарзамину мардуми хеш, ба таърих ва муқаддасоти миллӣ умеди тоза барои ояндаи дурахшон бахшида, роҳе равшану пайдорро барои миллату мардуми хеш интихоб намуданд.

Дар ин зовия мебояд дар мавриди шахсияти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва меросбарии таърихӣ дар зеҳну сиришти ӯ дар ҳадди шинохти худу ҷаҳон, масъулият дар баробари номуси миллӣ ва ватандорие, ки дар вуҷудаш парваришу камол ёфтааст, ёдовар шуд. Пешвои миллат давоми 34 соли соҳибистиқлолӣ тавассути ақлу заковати хеш дар партави таълимоти гузаштагон ба арзишҳои бунёдии миллӣ умри дубора бахшида, таърихи миллатро ба тамаддуни ҷаҳонӣ пайванд сохт ва ба шинохти ҳақиқати он нигоҳи тоза бахшид.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон се унсури асосиеро, ки миёни мардум адолати иҷтимоиро пойдор месозанд, барқарор намуда, маҳз аз роҳи низоми идорӣ давлатро бар пояи адолати иҷтимоӣ ва барномаи муттакӣ ба адлу инсоф ба даст гирифт. Унсурҳои асосии адолати иҷтимоие, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масири расидан ба истиқлоли комил пиёда намуданд, аз инҳо иборатанд:

1.Адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа;
2.Татбиқи адолати иҷтимоӣ;
3.Назарияи адолати иҷтимоӣ.

Дар заминаи адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои қабули якчанд қонунҳое иқдом намуданд, ки дар роҳи пойдории воқеии адолати иҷтимоӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Чунончи бо ҳадафи эътироф ва тасдиқи ҳуқуқи ҳар шахс ба озодии виҷдон ва озодии эътиқод ва ақидаҳои динӣ, инчунин баробарии ҳама дар назди қонун, новобаста аз муносибат ба дин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдону иттиҳодияҳои динӣ», ҷиҳати пешрафт ва рушди сатҳи иҷтимоию иқтисодии шаҳрвандон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо мақсади пурзӯр намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбия ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд”-ро қабул намуд. Қонунҳои мазкур дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри танзими баробарҳуқуқии иҷтимоии ҷомеа мавқеи муҳим пайдо намуданд ва ҳамагӣ фарогири арзишҳои волотарин буданд, яъне озодӣ, баробарӣ ва адолатро дар миёни ҷомеа равнақ бахшиданд. Пеш аз ҳама, ин қонунҳо бар пояи арзишҳои ахлоқиву маънавии миллати тоҷик таҳия шуда, дар сарнавишти давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ҳукми қонунҳои миллиро гирифтанд, ки ин таҷриба дар низоми давлатдории ҷаҳони муосир нодир буда, ҳамакнун ин таҷрибаи моро кишварҳои дигар мавриди омӯзиш қарор дода истодаанд.

Ин нукта низ қобили таваҷҷуҳи махсус аст, ки хидматҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди татбиқи адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа ҷойгоҳи махсус доранд. Хидмати беназири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мисоли қабули қонунҳо дар самти татбиқи адолати иҷтимоӣ, ки дар ҳаёти ҷомеа тағйироти куллӣ ба миён оварданд, ифодаи равшан меёбад. Баробари ба ҳукми амал даромадани қонунҳои қабулшуда адолати иҷтимоӣ, баробарҳуқуқӣ, озодии сухан рифъат ёфта, инчунин маросимҳои дорои харҷи зиёдатӣ ва амсоли инҳо ба маротиб дар миёни ҷомеа коҳиш ёфта ва манфиатҳои ҷомеа боз боло бардошта шуд. Ҷашну маросимҳои миллӣ, хусусан ҷашнҳое, ки дар давоми асрҳо мардум онҳоро ҳифз карда буду дар гӯшаи нобудӣ қарор доштанд, дубора эҳё шуда, мақоми арҷманде дар низоми давлатдории миллии мо пайдо намуданд. Ҷашни Наврӯз дар сархати ин иқдомоти фарҳангофаринӣ қарор дорад. Наврӯз аз қадимтарин давраҳои таърихи тоҷикон сарчашма гирифта, асолати маънавӣ ва арзишҳои таърихии миллати тоҷикро дар худ ҳифз кардааст. Ҳамакнун ба эътирофи ҷаҳониён Тоҷикистон дар миёни кишварҳои ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ва меросбарони фарҳанги ориёӣ ягона кишварест, ки ҳамаи чаҳор ҷашни куҳани аҷдодии миллӣ- Наврӯз, Сада, Меҳргон ва Тиргон дар он бо ҳамон шаҳомати таърихии хеш баргузор мегарданд.

Назарияи адолати иҷтимоӣ, ки назарияи адолати ошкор ё заминӣ бар пешфарзҳои фалсафӣ, маърифатшиносӣ ва ахлоқӣ ба шумор меравад, ба таври маъмул ин воқеиятро дар шакли як тарҳи комил барои зиндагии иҷтимоӣ пешниҳод менамояд. Бо ин назардошт Пешвои миллат бо иродаи матин, фазлу дониш, ҳисси масъулияти олии миллатдӯстиву меҳанпарастӣ миллати пароканадаро бо принсипҳои олии адолати иҷтимоӣ канори ҳам оварда, арзишҳои демократӣ, маданияти фикрии умумиинсонӣ, ташкили низоми идории ҷомеа, ҳокимияти қонунӣ, ки ба инсон ҳуқуқу озодӣ ва зиндагии босаодатро эҳдо менамояд, бунёд намуда, низоми ҷадиди сиёсии иҷтимоиро истеҳком бахшид. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бар асоси ин меъёрҳои адолати иҷтимоӣ дар миёни ҷомеа низоми идории умумии давлатдориро дар тарҳи нав ҷорӣ намуд. Ин тарҳи устувор ва пуриқтидор собит намуд, ки давлатдории навини миллати тоҷик дар тӯли 34 соли соҳибистиқлолӣ баръало аз идеологияи нави миллӣ, ки мубтакири он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, сарчашма мегирад. Дар сиёсати Пешвои миллат аз ибтидо давлату миллат бо маҷмӯи арзишҳои аслӣ ва фаръӣ тавъам шинохта шудаанд ва ҳамин дидгоҳи муҳим давоми 34 сол аст, ки ҷараёни татбиқи хешро суръат бахшида, дар ташаккули тафаккури миллӣ ва сиёсати пурвусъати Тоҷикистон нақши муассир мегузорад.

Ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои сиёсии кишварҳои ҷаҳон ва навини кишвари мо дар он дар китобҳои Сарвари давлат муфассал баррасӣ гардида, ба шакли консепсияи тоза ва фарогири дидгоҳҳои комил табдил ёфтаанд ва дар он ғояҳои ҳаётбахши миллӣ ва арзишҳои умумибашарӣ тарҳи тоза касб намуда, омили заминасози барномарезиҳои мушаххас дар масири маърифати ҳуқуқии аҳолӣ гардидаанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни Паёми худ дар соли 2018 ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуданд: “Тавре ки маълум аст, баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад. Зарур аст, ки барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ таҳия карда, дар доираи он сохтор ва фаъолияти мақомоти судӣ такмил дода шавад ва ҷиҳати баррасии босифату саривақтии парвандаҳо ва иҷрои санадҳои қабулнамудаи мақомоти судӣ чораҳои мушаххас андешида шаванд. Маҷлиси миллӣ ба сифати мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори кишвар бо истифода аз салоҳияти конститутсионии худ қонунҳои қабулкардаи Маҷлиси намояндагонро баррасӣ менамояд, дар раванди ташкили мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва воҳидҳои маъмурию ҳудудии давлат иштирок мекунад ва дар рушди низоми ҳуқуқии мамлакат, таҳкими давлат ва қонуният саҳми назаррас мегузорад.

Бо ин мақсад, Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия ва Хадамоти иҷро дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи нави ислоҳоти судиву ҳуқуқиро барои солҳои 2019-2021 таҳия ва пешниҳод созанд”.

Дар заминаи чунин дастурҳои Пешвои миллат “Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021” бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, ҷараёни мурофиаи судӣ, нақши суд дар ҳифзи озодиҳои инсон, ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, таъмини адолат ва такмили фаъолияти мақомоти судӣ ва шаффофияти низоми судӣ дар ҳимои ҳуқуқҳои шаҳрвандон аз 19-уми апрели соли 2019 таҳти №1242 тасдиқ гардид, ки он аз 4 банд, 15 зербанд ва 1 нақшаи чорабиниҳои муштараки миёни Суди Олӣ, Суди конститутсионӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Вазорати адлия, Прокуратураи генералӣ ва дигар мақомотҳои марбута иборат мебошад. Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо кормандони судӣ таъкид доштанд, ки “дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳукумати кишвар барои таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ, беҳтар намудани таъминоти моддию техникии судҳо, такмили қонунгузории соҳа ба хотири баланд бардоштани нақши суд дар таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ дар ҷомеа ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, тадбирҳои муҳиму мушаххасро роҳандозӣ кардааст. Аз ҷумла, барои рушду таҳкими мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки онҳо барои пешрафти соҳа, баланд бардоштани мақоми суд дар ҷомеа, таъмини шароити зарурӣ барои баррасӣ ва ҳалли одилонаи парвандаҳои судӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳо ва умуман, ҷиҳати ба амал баровардани адолати судӣ нақши муҳим доранд” (мулоқоти Пешвои миллат бо кормандони мақомоти судӣ, 21-уми ноябри соли 2019, ш.Душанбе). Тибқи ин барномаҳо чандин қонун, аз ҷумла қонунҳои конститутсионӣ “Дар бораи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон”, кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, маъмурӣ, қонунҳо “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, “Дар бораи судҳои ҳакамӣ” аз нав таҳия ва қабул карда шуданд, ки барои такмили сохтори судӣ, фаъолияти судяҳо ва дар маҷмӯъ ҷиҳати таҳкими ҳокимияти судӣ дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оварданд.

Давоми 34 соли соҳибистиқлолӣ аз нигоҳи таърих марҳилаи кӯтоҳ, аммо ҳомили ҳаводису рӯйдодҳои тақдирсози миллати мо мебошад, зеро дар он паҳлуҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа, ибтикороти беназири Пешвои миллати тоҷикон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, талошҳои мардуми шарафманди Тоҷикистон дар роҳи расидан ба сулҳ, ваҳдати миллӣ, таҳкими пояҳои давлатдории миллии тоҷикон ва ба ҳайси узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ муаррифӣ шудани Тоҷикистон сабт гардидаанд. Дар консепсияи эъмори ҷомеаи навини миллати тоҷик, ки муаллиф ва меъмори он бевосита худи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд, аз оғоз то имрӯз масъалаи маориф ва таҷдиди низоми омӯзишу парвариш, тарбияти зеҳнӣ ва ахлоқии шахсият ба ҳайси омили муҳиме, ки заминаҳои пешрафти давлату миллатро фароҳам меоварад, аз аҳамияти хоссае бархурдор буд. Аз ин рӯ, руҷӯъ кардан ба такмили низоми маориф, ки равшангари фардои ҷомеа эътироф шудааст, на танҳо барои худи ин самти меҳварии сиёсати давлат, балки барои тамоми низомҳо, аз ҷумла сиёсиву иҷтимоӣ, иқтисодиву фарҳангӣ муҳим, муассир ва дорои аҳамият мебошад, зеро расидан ба ҳадди ниҳоии таъмини адолати иҷтимоӣ, такмили низоми қонунгузорӣ, пешрафти сиёсати давлатӣ маҳз ба рушду нумӯи соҳаи маориф пай ванди устувор дорад. Таҳаввули моддиву маънавии ҷомеа, пеш аз ҳама, ба раванди инкишофи соҳаи маориф, татбиқи низомҳои пешқадами таҳсилоти зинагӣ, инчунин омода намудани мутахассисони ҷавобгӯи талаботи замон марбут аст, ки ин рисолати бузурги таърихӣ маҳз бар дӯши соҳаи маориф гузошта шудааст. Тавассути талош ва пайкорҳои Пешвои муаззами миллат ин самти муҳим ва меҳварии сиёсати давлат дар заминаи мутобиқгардонии тамоми соҳа ба дастовардҳои пешқадами таҳсилоти ҷаҳонӣ ҳамаҷониба рушд мекунад. Бо боварии комил метавонем бигӯем, ки дар 34 соли соҳибистиқлолии кишвар мо дар тамоми арсаҳои сиёсати давлатӣ ба натиҷаҳои назаррас мушарраф гардидем ва ояндаи кишвари мо низ тавассути як роҳи равшануояндасоз, ки кошифи он Пешвои миллат маҳсуб мешаванд, муайяну муқаррар шудааст.

Ҳамин роҳ аст, ки моро ба уфуқҳои тозаи бедории миллӣ, худогоҳии маънавӣ, ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ, ормонҳои олии давлатдории миллӣ, ки меҳвар ва аслу пояи он адолати иҷтимоии эҷоднамудаи Пешвои миллат ба шумор меравад, мерасонад.

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025

ПАЁМИ ОЯНДАСОЗ

# ТАМОШОИ ДАСТАҶАМЪОНАИ ПАЁМИ ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**16** декабри соли 2025 дар маҷлисгоҳи васеи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамошои дастаҷамъонаи Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, судяҳо ва кормандони дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок намуданд.

Дар ин замина қайд кардан ба маврид аст, ки Паёми имсола таҷассумкунандаи натанҳо воқеияти сиёсии дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, балки фарогири масъалаҳои глобалии ҷомеаи ҷаҳониро низ дар худ инъикос менамуд ва мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро баръало вобаста ба ҳаводис ва дастовардҳои як соли ахирро дақиқ, ошкор, возеҳ муайян намуд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо назардошти вазъи мураккабу ташвишовари минтақа ва ҷаҳон, ки торафт шиддат гирифта, масъалаҳои аз нав тақсимкунии ҷаҳон, ҷанги сард, таҳдиду хатарҳои муосир, дар мисоли терроризму экстремизм, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ водор месозанд, ки барои таъмин намудани амнияти мудофиавии кишварамон тадбирҳои иловагӣ андешем ва баҳри беҳтарсозии шароит ва сатҳи зисту зиндагонии хизматкунандагон хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, омода кардани кадрҳои баланд ихтисос, такмил додани дониши тахассусӣ ва сатҳи касбияти ҳайати шахсии ҷузъу томҳо, боз ҳам баланд бардоштани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастии афсарону сарбозон талош варзем.









Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳуҷҷати муҳим дар самти муайян намудани пешрафти Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб гардида, дар баробари дорои аҳамияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ доштан, ҳамзамон аз аҳамияти махсуси ахлоқиву тарбиявӣ низ бархӯрдор мебошад. Зеро, ҳикмати суханварӣ ва ибрози андешаҳои олии мутамарказ ва пурмуҳтавои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём дар бораи таълиму тарбия, илму маориф, ватандӯстиву ватанпарастӣ, саховату эҳсон, адолати иҷтимоӣ, арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, волояти қонун аз ҳикмати азалии Сарвари давлат гувоҳӣ медиҳанд.

Судяҳо ва кормандони ҳокимияти судӣ Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун роҳнамо барои фаъолияти минбаъдаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла ҳокимияти судӣ арзёбӣ намуда, омодагии хешро ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои дар он зикршуда, иброз доштанд.

Тамошои дастаҷамъонаи Паём дар фазои созанда ва масъулиятшиносӣ роҳандозӣ гардида, он баҳри баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ ва масъулияти касбии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судӣ мусоидат менамояд.

"Мизони қонун"

ЭҲТИРОМ ВА АРҶГУЗОРӢ

# ҲАМОИШИ ИДОНА БАХШИДА БА РӮЗИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН






15 ноябри соли 2025 дар маҷлисгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши тантанавӣ баргузор гардид.

Дар кори ҳамоиш Раиси Суди Олӣ мухтарам Мирзозода Р.П., собиқадорони даврони Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовинон, судяҳо, кормандони дастгоҳи Суди Олӣ ва судяҳои судҳои ҷумҳурӣ иштирок намуданд.

Дар оғоз мухтарам Мирзозода Р.П., ҳозиринро ба муносибати Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик гуфта, изҳор доштанд, ки хизматҳои Пешвои муаззами миллат дар таҳкими давлатдорӣ, пешрафти ҷомеа ва рушди соҳаҳои ҳаётан муҳими кишвар беназир мебошанд.

Собиқадорон зимни суханронии худ аз давраҳои ҳассосу сарнавиштсози таърихи давлатдории навини тоҷикон ва нақши ҳалкунандаи Иҷлосияи XVI-и Шурои олӣ ёдовар шуданд.

Ҳамчунин, таъкид гардид, ки бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҳокимияти судӣ дар кишвар мунтазам такмил ёфта, мақому эътибори суд дар ҷомеа беш аз пеш таҳким ёфт.

Дар анҷоми чорабинӣ як қатор собиқадорон бо "Сипоснома", инчунин, чанде аз судяҳо, ки бо садоқати хизматӣ, масъулияти баланд ва нияти пок фаъолияти намунавӣ доранд, бо "Ифтихорнома"-и Раиси Суди Олӣ сарфароз гардонида шуданд.

Ҷамъомад дар муҳити фарҳангӣ ташкил ва баргузор гардида, иштирокчиён барномаи фарҳангиву ҳунариро низ тамошо намуданд.

**"Мизони қонун"**



# ҲАМОИШИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА РӮЗИ ПАРЧАМИ ДАВЛАТӢ

**21 ноябри соли 2025 дар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ифтихори Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши тантанавии бошукӯҳ баргузор гардид. Дар чорабинӣ роҳбарият, судяҳо ва кормандони дастгоҳи Суди Олӣ ва судҳои шаҳру ноҳияҳо иштирок доштанд.**





Дар оғози ҷамъомад муовинони Раиси Суди Олӣ дар суханронии худ таъкид намуданд, ки Парчами давлатӣ яке аз рамзҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, эҳтиром ба парчам - эҳтиром ба давлат, миллат ва арзишҳои миллӣ мебошад.

Зикр гардид, ки Парчами давлатӣ таҷассумгари таърихи куҳан, фарҳанги ғанӣ ва арзишҳои миллии халқи Тоҷик буда, кормандони ҳокимияти судӣ, бахусус ҷавонон бояд ба он бо эҳсоси ифтихор ва масъулияти баланд муносибат намоянд.

Кормандони Суди Олӣ дар баромадҳои худ аз нақш ва аҳамияти Парчами давлатӣ ба ҳозирин ибрози назар намуданд.

Чорабинӣ дар фазои идона ва бо эҳтиром ба рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷамъбаст гардид.

**"Мизони қонун"**

# ИШТИРОК ДАР ЧОРАБИНИИ МИЛЛӢ ВОБАСТА БА ЗЕҲНИ СУНЪӢ

**27 ноябри соли 2025 дар шаҳри Душанбе ҳамоиши миллӣ таҳти унвони "Ҳисоботи рушди инсонният" баргузор гардид, ки дар кори он намояндаи ҳокимияти судӣ, судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аланазарзода Шароф иштирок намуд.**





Чорабинии мазкур ба матраҳ намудани масоили марбут ба нақши зеҳни сунъӣ ва рақамикунонии соҳаҳои мухталифи рушди фарогир равона гардида, дар кори он намояндагони мақомоти давлатӣ, шарикони рушд, ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираҳои илмӣ ва ҷавонон доир ба масъалаҳои самараи зеҳни сунъӣ ва хавфҳои воридсозии он мавриди таҳлил қарор гирифт.

Дар давраи ҷаҳонишавии зеҳни сунъӣ масъалаи интихоб ба раванди фарогирии он мубрам арзёб гардид, зеро зеҳни сунъӣ аз ҳудуди технология фарох буда, ба ҳуқуқи инсон ва тартиби пешбурди ҳаёти рӯзмара таъсирбахш мебошад.

**"Мизони қонун"**

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025

АДОЛАТ ВА СУД

# ИСЛОҲОТИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ БАҲРИ ТАТБИҚИ АДОЛАТИ СУДӢ ДАР АСОСИ МЕЪЁРҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**“Тақвияти фаъолияти ҳокимияти судӣ аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мебошад, зеро фаъолияти суд бо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайванди ногусастанӣ дорад ва ин нуктаро ман борҳо изҳор намудаам”.**

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***



**Тағозода АБДУҚАҲҲОР САИДМУРОД,**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Истиқлоли комили Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мурури замон дар баробари мақомотҳои дигар ба низоми ҳокимияти судӣ дар кишвар ислоҳоти назаррасе бахшида, дар ин замина ҳокимияти судӣ ҳамчун шохаи мустақили ҳокимияти давлатӣ шинохта шуд. Фаъолияти мақомоти судӣ бар асоси талаботи замон ва меъёрҳои қонунгузорӣ танзим гардида, мустақилияти судяҳо бо меъёрҳои конститутсионӣ таҳким ёфт. Барои мустақар гардонидани адолати судӣ аз 14 апрели соли 1997 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №692 «Дар бораи баъзе тадбирҳо оид ба таъмини мустақилии ҳокимияти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба имзо расид, ки дар он масъалаҳои беҳтар намудани вазъи иҷтимоии судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо гузошта шуда буд.

Ба хотири таҳкими ҳокимияти судӣ ва таъмини мустақилии судҳо дар амалӣ кардани адолати судӣ бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Амалӣ шудани ин меъёрҳои конститутсионӣ ва таъмини воқеии кафолати мустақили судҳо аз тобеияти ҳокимияти иҷроия, яъне аз Вазорати адлия баровардани ҳокимияти судӣ ва ҳалли масъалаҳои таҳия намудани таклифҳо вобаста ба гузаронидани ислоҳоти судӣ, такмили низоми судиву ҳуқуқӣ, интихобу пешбарии номзадҳои арзанда ба вазифаи судя, озод намудани судяҳо аз вазифа, баланд бардоштани нақш ва мавқеи ҳокимияти судиро тақозо менамуд. Таъсиси Шӯрои адлия тақозои замон ва татбиқи амалии сиёсати давлат оид ба ҳокимияти судӣ буд. Мақомоти судӣ ба ҳайси рукни алоҳидаи ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, марҳилаҳои зеринро баҳри ислоҳоти соҳа давра ба давра амалӣ намуд.

Марҳалаи аввал - ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ оғоз гардида, вазифаҳои ҳокимияти судӣ ба таври мушаххас дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ бо дарназар гирифтани аҳамият, нақш ва мавқеи ҳокимияти судӣ дар таҳкими қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон пайваста таваҷҷуҳи хос зоҳир менамоянд. Аз ҷумла, дар солҳои соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои меъёриву ҳуқуқие қабул гардиданд, ки заминаи қабули онҳо ислоҳоти конститутсионӣ буда, ин аснод ба тақвият ёфтани фаъолияти мақомоти судӣ нигаронида шуд.

Марҳалаи дуввум - раванди ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар сохтори судии кишвар, дар ин раванд судҳои конститутсионӣ, иқтисодӣ ва ҳарбӣ таъсис дода шуда, қонунҳои соҳавӣ, кодексҳои маданӣ, ҷиноятӣ, оила, меҳнат ва ғайра қабул гардида, ваколати фаъолияти судяҳо дар қаламрави кишвар дар асоси тағйирот ба қонуни асосии кишвар аз панҷ сол ба даҳ сол табдил шуд.

Марҳалаи сеюм - қабули Барномаҳои ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Решвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олӣ аз 24-уми апрели соли 2010 бори дигар дар иртибот ба масъалаҳои марбут ба ҳокимияти судӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, изҳор доштанд, ки такмили Барномаҳои ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ дар рушду такомул ва тақвияти ҳокимияти судӣ нақши арзанда мегузорад. Аз ин рӯ, ҷиҳати идомаи ислоҳоти судӣ - ҳуқуқӣ ва таҳияи Барномаи нави мукаммали соҳа дастур доданд. Бо Фармони Президенти кишвар аз 3-юми январи соли 2011 Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2011-2013 тасдиқ гардид, ки дар он ҳалли масъалаҳои таҳияи Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таҳлили қонунгузории мамлакат ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо вобаста ба беҳтар кардани фаъолияти кормандони ҳокимияти судӣ ва дар ин раванд, ҳамасола пешбинӣ намудани афзоиши маблағгузории ҳокимияти судӣ дар буҷети давлатӣ ва ғайраҳо пешбинӣ шуданд, ки ин ҳама барои таъмини мустақилона фаъолият намудани судяҳо ва амалӣ гаштани кафолати конститутсионии судяҳо аҳамияти муҳим касб намуд.

Дар боби 8-уми Конститутсия, пурра ба суд бахшида шуда, принсипҳои адолати судиро ба таври возеҳ муқаррар кардааст. Таҳти ибораи “принсип”, ки усулҳои асосии роҳбарикунанда дар гунае аз навъи фаъолият фаҳмида мешавад, ифода меёбад. Дар Конститутсия зикр шудааст, ки адолати судиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо мақомоти суд - Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия, Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоят ва шаҳри Душанбе амалӣ мекунанд. Ҳамзамон дар баробари мафҳуми “принсип” боз мафҳуми меҳварии дигаре низ ҷой дорад, ки бевосита ба фаъолияти ҳокимияти судӣ ва судҳову судяҳо иртиботи ногусастанӣ дорад ва ин мафҳум "адолати судӣ" буда, маънои васеъ ва оммафаҳмаш ин аст, ки судҳо меъёрҳои ҳуқуқиро дар мавриди баҳсҳо ва масъалаҳои дигари ҳуқуқӣ аз рӯйи парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ ва маъмурӣ дар маҷлисҳои судӣ ба таври ошкоро татбиқ менамоянд.

Вобаста ба мақоми Суди конститутсионӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии худ ба муносибати 15-умин солгарди қабули Конститутсия иброз намуд, ки «дар низоми судии кишвар Суди конститутсионӣ мақоми махсус дорад ва яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи он таъмини волоияти Конститутсия дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад».

Мақоми дигари олии ҳокимияти судӣ дар кишвар Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, ки фаъолияти он дар асоси Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба танзим дароварда шуда, назорати судиро аз болои фаъолияти судҳои ҳарбии гарнизонҳо, Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, судҳои шаҳру ноҳияҳо оид ба парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар парвандаҳои дар тобеияти ин судҳо буда амалӣ менамояд.

Дар хотир бояд дошт, ки суд ҳангоми баррасии парвандаҳо на танҳо манфиати шахси алоҳида ё ташкилоту муассиса, ҳамзамон манфиати давлатро низ ҳимоя мекунад, ки дар маҷмуъ, онро адолати судӣ меноманд, зеро таъмини адолати судӣ ҳамон вақт тантана меёбад, ки агар худи ҳокимияти суд аз ҳар гуна дахолатпазирӣ озод буда, судяҳо ҳақиқатро дар асоси далелҳои мавҷуда, холисона, аз рӯйи виҷдон ва донишу малака ва таҷрибаи касбӣ дарёфт кунанд.

Ҳоло дар Суди Олӣ коллегияҳои судӣ оид ба парвандаҳои маданӣ, ҷиноятӣ, оилавӣ, маъмурӣ ва ҳарбӣ фаъолият мекунад. Коллегияҳои судӣ дар доираи салоҳият ва ваколатҳояшон тибқи меъёрҳои қонунгузорӣ парвандаҳоро ба тариқи кассатсионӣ, назоратӣ, ҳамчунин ба сифати суди марҳалаи якум, аз рӯйи ҳолатҳои нав ошкор гардида, таъиноти марҳалаи кассатсионӣ ва назоратиро, ки бар асоси онҳо санадҳои судии суди марҳалаи якум тағйир дода шуда, ё санади нави судӣ қабул гардидааст, баррасӣ намуда, таҷрибаи судиро ҷамъбаст ва омори судиро якҷо бо дигар масъалаҳои муайяннамудаи қонунгузорӣ ҳаллу фасл мекунанд. Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд, мақоми олии судӣ буда, дар шаклҳои мурофиавие, ки қонун пешбинӣ кардааст, ба фаъолияти онҳо назорати судӣ мебарад ва оид ба масъалаҳои таҷрибаи судӣ тавзеҳоти дастурӣ медиҳад.

Маврид ба ёдоварист, ки ҳадафи стратегии эъмори ҷомеаи навини тоҷикон дар замони муосир ин бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд, иҷтимоӣ, дунявӣ, ки бар пояи таъмини волоияти қонун ва амнияти ҷомеа бунёд гардидааст, таҳкими дастовардҳои истиқлоли кишвар, ҳимояи манофеи умумимиллӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандиро бар пояи қонунмандӣ дар худ баръало таҷассум мекунад. Дар ин раванд ҳокимияти судӣ ба унвони як шохаи мустақили давлатӣ барои татбиқи адолатӣ судӣ, рушду такомули давлатдорӣ ва тавсеаву шукуфоии ҷомеа ҷойгоҳи арзишманд дошта ва ҳамзамон дар ин раванд судҳои кишвар масъулияти вазифавии дар наздашон гузошташударо тибқи талаботи Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро менамоянд.

ИСТИҚЛОЛ ВА ҲОКИМИЯТИ СУДӢ

# НАҚШИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ ДАР ПЕШГИРИИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНӢ ВА БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН

**“Ҳокимияти судӣ риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлат ва ташкилоту муассисаҳоро кафолат дода, фаъолияти он ба таъмин намудани қонуният ва адолати иҷтимоӣ равона шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки ҳокимияти судӣ ва рушди он самараи истиқлоли давлатӣ ва яке аз дастовардҳои он ба ҳисоб меравад”.**

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат,***
***Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон***
***муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***



**Раҷабзода ҲОТАМ НАЗАР,**
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Раиси коллегияи ҳарбӣ

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ислоҳоти ҳокимияти судӣ дар кишвар заминаи амиқ гузошт, зеро нақш ва мавқеи ин ниҳод дар рушди волоияти қонун ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон саҳми босазо ва беназир дорад. Пайдоиш ва ташаккули асосҳои таъмини адолати иҷтимоӣ бо ташаккули афкор, ҷаҳонбинӣ ва ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ вобастагии устувор пайдо намудааст, ки дар зинаҳои муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, зина ба зина такмил, рушд ва инкишоф ёфта, расман эътироф гаштаанд.

Ташаккули муносибатҳои ҷамъиятӣ ба афкору ақида, пайдоиши таҷрибаи муайян дар низоми давлатдорӣ, танзими соҳаҳои идоракунии давлат, иқтисодӣ, иҷтимоиву ҳуқуқӣ мусоидат карда, боиси пайдоиш ва тасдиқи маҷмуи донишҳо ва меъёри рафтор мегардад, ки бо роҳи боварӣ, эътиқод ба ин дониш-меъёрҳо, самти бо ҳадафи амалисозӣ ва татбиқи ҳадафноки барномаҳои ислоҳотӣ замина мегузорад. Низоми судӣ яке аз рукнҳои муҳим ва асосии ҳар як ҷомеаи пешрафта ба шумор меравад. Аз замонҳои қадим то имрӯз, инсонҳо ҳамеша кӯшидаанд фаҳманд, ки чӣ гуна метавон адолати воқеиро дар ҷомеа таъмин кард ва чӣ гуна бояд суде сохт, ки мустақил ва беғараз амал кунад.

Ҳокимияти судӣ - ҳамчун рукни мустақили ҳокимияти давлатӣ эътироф гардида, бори нахуст дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ таъсис дода шуданд.

Нақши мақомоти судӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар замони соҳибистиқлолӣ хеле муҳим арзёбӣ мешавад, зеро ин ниҳод на танҳо адолатро татбиқ мекунанд, балки ба баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши ҳуқуқии ҷомеа мусоидат менамояд. Дар замони соҳибистиқлолии кишвар вобаста ба таҳким бахшидани фаъолияти мақомоти судӣ чор барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ қабул гардида, мавриди амал қарор гирифтаанд. Қабул ва амалӣ намудани барномаҳои ислоҳоти судиву ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории моддӣ ва мурофиавӣ, афзоиши ҳарсолаи маблағгузории мақомоти судӣ, баланд бардоштани маоши судяҳо ва кормандони дастгоҳи судҳо аз ҷумлаи иқдомоти зикршуда мебошанд.

Бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, содагардонии ҷараёни мурофиаи судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, ҳимояи манфиати давлат, ташкилот, таъмини қонунияту адолат ва дар заминаи он такмили сохтор ва фаъолияти мақомоти судии мамлакат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои лозима андешида мешаванд. Аз ҷумла, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2021 тасдиқ карда шуд. Ҳадафи қабули ин барнома идомаи барномаҳои пешинаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Тоҷикистон мебошад. Яке аз ислоҳоте, ки дар ин барнома ба роҳ монда шуд, омузиши масъалаҳои ба тобеияти судҳои иқтисодӣ мансуб донистани баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ мебошад. Ҳадафи он боз ҳам тақвият додани кафолати конститутсионии ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ ва дастрасӣ ба адолати судӣ аст.

Ҳокимияти судӣ – на танҳо ниҳоди ҳалкунанда, балки субъекти фаъол дар низоми пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҳифзи арзишҳои давлатӣ маҳсуб ёфта, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар меҳвари фаъолияти ин ниҳод ҷой дорад. Ба ҳамагон маълум аст, ки бо дарназардошти мақом ва нақши ҳокимияти судӣ, то имрӯз барои таъмин намудани мустақилияти судҳо иқдомоти назаррас амалӣ карда шудаанд. Мақомоти судӣ чун ҳомии пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо тавассути чораҳои саривақтӣ дар доираи талаботи амиқи қонун муайян намуда, барои қонуншиканон, дигаронро аз такрор намудани чунин амалҳо бозмедорад.

Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон чун рисолати аслии ин ниҳод маҳсуб ёфта, дар доираи амалигардонии барномаҳо ва нақшаи чорабиниҳо силсилавохӯриҳо ҷиҳати риояи талаботи қонун ва арзишҳои он баргузор карда мешаванд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳокимияти судӣ аз иҷрои вазифаи худ – ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат муваффақона баромада, фаъолияти худро ҷиҳати боз ҳам беҳтар сазовор шудан ба эътимоди мардуми кишвар густариш бахшида истодааст.

Қайд кардан ба маврид аст, ки адолати судӣ пояи боварии мардум ба давлат аст. Ва танҳо дар сурате, ки судяҳо рисолати худро бо виҷдон ва масъулият иҷро намоянд, метавон интизор буд, ки ҷомеа дар фазои ҳуқуқӣ ва бо боварӣ ба адолат рушд мекунад.

# ГУСТАРИШИ ҲАМКОРИҲО ДАР САМТИ МУҚОВИМАТ БО КИБЕРҶИНОЯТҲО, ЭЪТИРОФИ ДАЛЕЛҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

**12-13 ноябри соли 2025 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон давраи омузишии минтақавӣ зери унвони “Дархости далелҳои электронӣ аз кишварҳои дигар:дарсҳои омӯхташуда ва роҳҳои минбаъда” барои кишварҳои Осиёи Марказӣ баргузор шуд.**




Дар чорабинии мазкур намояндаи ҳокимияти судии кишвар судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Аланазарзода Шароф иштирок ва суханронӣ намуда, оид ба масъалаҳои муқовимат бо ҷиноятҳои дар шабакаи ҷаҳонии интернет содирмешуда, инчунин, тартиби ҷамъоварӣ ва эътирофи далелҳои электрониро мутобиқи санадҳои қонунгузории миллӣ табодули таҷриба намуд.

Қайд гардид, ки ба роҳ мондани ҳамкориҳои муштараки низомҳои судии давлатҳои Осиёи Марказӣ дар самти таъмини амнияти иттилоотӣ аз ҳамлаҳои киберӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ мубрам арзёбӣ гардида, иттилоот ба объекти ба таври махсус ҳифзшаванда табдил ёфтааст. Бо мақсади ташаккули амалияи табодулӣ ҳамкориҳо байни судҳои минтақа доир ба ҳалли масъалаҳои эътироф ва ҷамъоварии далелҳои электронӣ қадами муҳим ва саривақтӣ ҳисобида шуда, вобаста ба мубодилаи таҷриба ва такмили қонунгузорӣ аз рӯйи консепсияи ягона хулосарониҳо баён гардиданд.

"Мизони қонун"

МИЗОНИ ҚОНУН
НАШРИЯИ РАСМИИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | №1 (01) | 31 ДЕКАБРИ 2025

ҶАЛАСА



# ҶАЛАСАИ ПЛЕНУМИ СУДИ ОЛӢ: ҚАРОРҲОИ ҶАЛАСА БА ХОТИРИ МАСЪУЛИЯТИ КАСБИИ СУДЯҲО ДАР ҲАЛЛИ ПАРВАНДАҲО МЕБОШАД

**29-уми декабри соли 2025 таҳти раёсати Рустам Мирзозода, Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи навбатии Пленуми Суди Олӣ дар толори маҷлисгоҳи васеъ баргузор гардида, дар кори ҷаласа судяҳои Суди Олӣ, намояндагон аз Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва олимони соҳаи ҳуқуқшиносӣ ширкат намуданд.**

Маврид ба зикр аст, ки дар ҷаласаи навбатӣ масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, таҳлили амалии фаъолияти судӣ, таъмин ва татбиқи якхелаи меъёрҳои қонунгузорӣ, баланд бардоштани маърифати баррасии парвандаҳо ва такмили раванди мурофиаи судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Зимни баррасии масъалаҳои рӯзнома, маърӯзаҳо вобаста ба масъалаҳои меҳварии ҷаласаи Пленум ироа гардида, ҳамзамон аз ҷониби мутахассисон андеша ва пешниҳодҳои мушаххас баҳри беҳтар гардидани раванди маърифати баррасии парвандаҳо пешниҳод гардид, ки мақсади асосии ин таклифу пешниҳодҳо фарогирандаи масъалаҳои таъмини ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани масъулияти касбии судяҳо ва татбиқи якхелаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар амалияи судӣ буд.





Дар кори ҷаласаи Пленуми Суди Олӣ дар ҳамбастагӣ 9 қарори Пленум оид ба амалияи судии баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ, маданӣ, оилавӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ аз ҷониби гурӯҳҳои кории Суди Олӣ баҳри беҳтарсозии раванди кори судяҳо таҳия гардида будаанд, ҳамчун як роҳнамо барои судяҳо қабул ва тасдиқ карда шуда. Ҳамзамон дар идомаи кори ҷаласаи Пленум як қатор қарорҳои дигар низ бо мақсади таъмини иҷрои бандҳои дахлдори Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 ба Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон барои давраи то соли 2038 қабул гардиданд, ки аз тавзеҳоти муҳиму саривақтӣ, беҳтар намудани фаъолияти судҳо, мутобиқсозии амалияи судӣ ба талаботи қонунгузории амалкунанда ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳокимияти судӣ иборат мебошанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки қарорҳои Пленуми Суди Олӣ дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми баррасии парвандаҳои маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва ҳуқуқвайронкунии маъмурии ба табъиз алоқаманд, инчунин бобати масъалаҳои татбиқи қонунгузорӣ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили вайрон кардани қоида ва меъёрҳои истифодаи қувваи барқ, ғайриқонунӣ истифода бурдани қувваи барқ барои истеҳсоли дороии маҷозӣ, татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ марбут ба таъйини ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ, баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ зимни баррасии парвандаҳо оид ба бартараф кардани монеа, татбиқи қонунгузорӣ марбут ба ҷиноятҳои ноболиғон ва чораҳои таъсиррасонии алтернативӣ нисбат ба онҳо, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Пленуми Суди Олӣ аз 26-уми июни соли 2009, таҳти №21 "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ" (бо тағйиротҳое, ки бо қарори Пленум аз 23-юми ноябри соли 2012, №29 ворид карда шудаанд)", "Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми аз ҷониби судҳо татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба ҳифзи шаъну шараф ва эътибори кории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бармеоянд", "Оид ба баъзе масъалаҳое, ки зимни татбиқи қонунгузорӣ вобаста ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ бармеоянд" ва "Дар бораи баъзе масъалаҳое, ки ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо оид ба ҷуброни зиён ва товони зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи ҷиноятҳои марбут ба истифодаи шиканҷа ва намудҳои дигари муносибат, ҷазои бераҳмона, ғайриинсонӣ ва таҳқиркунандаи шаъну шараф ба миён меоянд" қабул карда шуда, ба кори худ хотима бахшид.

"Мизони қонун"

# ҲИСОБОТИ СОЛОНАИ РАЁСАТҲО ВА ШУЪБАҲОИ ДАСТГОҲИ СУДИ ОЛӢ НАЗАРРАС АРЗЁБӢ ГАРДИД

**30-юми декабри соли 2025 дар толори маҷлисгоҳи Суди Олӣ ҷаласаи ҳисоботии солонаи раёсат ва дастгоҳи Суди Олӣ баргузор гардида, масъалаҳои муҳими фаъолияти сохторӣ ва натиҷаҳои бадастомда дар давраи ҳисоботӣ, мавриди баррасӣ қарор дода шуд.**





Ҷаласа бо ширкати роҳбарият ва кормандони дастгоҳи Суди Олӣ ифтитоҳ гардида, масъулин доир ба фаъолияти корӣ ҳисоботи солона пешниҳод намуда, ҳамзамон оид ба самтҳои асосии фаъолияти худ, натиҷаҳои бадастомада, иҷрои супоришҳои роҳбарият, татбиқи барномаҳои корӣ, инчунин мушкилоту монеаҳои мавҷуда маълумоти муфассал ироа намуданд.

Ҳамчунин, дар ҷаласа масъалаҳои марбут ба беҳтар намудани фаъолияти кормандон, баланд бардоштани сатҳи касбият, рушди коргузории муосир ва татбиқи усулҳои нав дар фаъолияти ҳаррӯза мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ҳамзамон дар ҷаласа таъкид бар он гардид, ки иҷрои саривақтӣ ва босифати вазифаҳои бозимагузошташуда, омили асосии пешрафти фаъолияти дастгоҳи судӣ ба ҳисоб меравад.

Дар анҷоми ҷаласа роҳбарият зарурати таҳкими назорат аз болои иҷрои супоришҳоро таъкид намуда, роҳбарони шуъбаҳоро вазифадор намуд, ки дар асоси натиҷаҳо нақшаҳои кории минбаъдаро бо дарназардошти эродҳо ва пешниҳодҳои ироашуда, таҳия намоянд.

"Мизони қонун"




НАШРИЯИ СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Мирзозода
РУСТАМ ПИРАҲМАД
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Лутфуллозода
ШАВКАТ
муовини якуми Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Тағозода
АБДУҚАҲҲОР САИДМУРОД
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раҷабзода
ҲОТАМ НАЗАР
муовини Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон - Раиси коллегияи ҳарбӣ
Маҳмадуллозода
НЕЪМАТУЛЛО ҲИКМАТУЛЛО
Роҳбари дастгоҳи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Орзумуродов
ҲИЛОЛУТДИН
Ёрдамчии Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР:
ҲАБИБУЛЛО САТТОРӢ

Нашрия таҳти рақами 545/РЗ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон номнавис шудааст.

Нашрия ба хотири риояи чандандешӣ матлаберо низ нашр мекунад, ки ба муҳтавои он мувофиқ нест.

Дастнависҳо ва аксҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.
Суроғаи мо:
ш. Душанбе,
кӯчаи Неъмат Қаробоев 1
E-mail: info@sud.tj
Тел.: 233 48 21
Факс: 233 01 22
Адади нашр:
1500 нусха